ҚАРОРИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

29 октябри 2026 №161 ш. Душанбе

Суханронии Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ); тақризи муассисаи пешбар: МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» суханронии муқарризони расмӣ: Шарофзода Шавкат Аҳмад - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Ошимова Маҳбуба Машарифовна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муқрризони ғайрирасмӣ Гулмадов Ф., Негматов С.Э., Юнусова Н.М. Обидова М.И.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои педагогӣ ба Раҷабзода Дилшод Амиралӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Нафароне, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳастанд, хоҳишмандам овоз диҳанд.

Тарафдор – Ҳама.
Муқобил - Нест.
Бетараф - Нест.

Бо як овоз қабул шуд.

Раиси ҷаласаи Шурои
диссертатсионии 6D.KOA-030-и
назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.KOA-030,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

29.10.2026

Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО